“Тасдиқ менамоям”
Ректори Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М.Назаршоев,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
__________ Комилбек А.Ё.
“____” ______________соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.**

Дар тақризи муасисаи пешбар масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш» дар хоҷагии таҷрибавии Сунбулаи шаҳри Ҳисор дар баландии 700 -800 м ва стансияи таҷрибавии зироатҳои субтропикӣ ва ситрусии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ дар баландии 330м аз сатҳи баҳр ба анҷом расонида шудааст. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур, ба ҳалли мушкилоти селексия ва баҳодиҳии хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ, ки навъу намунаҳои ба вуҷуд овардаи олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ мебошанд бахшида шуда, ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат менамояд.

**2. Мубрамии мавзуи тадқиқ.** Дар амал татбиқ намудани ду ҳадафи стратегии мамлакат - таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноаткунонии босуръати кишвар бе рушди соҳаи кишоварзӣ аз он ҷумла бахши боғу

токпарварӣ масъалаи мубрами рӯз аст. Солҳои охир талабот ба меваю ангур, ки дорои хусусияти шифоӣ ва ғизоӣ бой мебошанд зиёд мешавад.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ин ба вуҷуд овардани навъҳои нави серҳосилу ба талаботи бозор ҷавобгӯ ва мукаммалгардонии технологияи бунёди боғҳо бо тарзи замонавӣ мебошад. Аҳамияти ғизоию шифоӣ ва иқтисодии хурмои шарқиро, ки як қисмати минтақаҳои боғдории Ҷумҳурӣ барои парвариши ин мева мувофиқ аст, ба назар гирифта мавзуи тадқиқотиро таҳрези намуда, иҷро карданд.

Бо назардошти ин муаллифи диссертатсия тасмим гирифтааст, ки дар оянда барои пешрафти соҳаи кишоварзӣ, идома додани рушди соҳаи боғпарварӣ ва таъмини аҳолӣ бо меваҳои тару тоза ва хушки навъҳои хурмои шарқӣ, дастгирии корхонаҳои коркард, яъне бо ашёи хом, бо меваи тару тоза ва хушконидашуда, афзоиши иқтидори содиротӣ, коҳиш додани вобастагии бозори истеъмолӣ аз маҳсулоти воридотӣ, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, аз навъҳои ватанӣ вусъат додани иқтисоди сабз бо муайян намудани хусусиятҳои агробиологии навъу намунаҳо дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш, аз лиҳози илмӣ омӯхта мубрамии мавзуи тадқиқи диссертатсияашро исбот намояд.

**3. Дараҷаи асоснокқунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Натиҷаи тадқиқотҳои гузаронидашуда ҳамасола дар ҷаласаи шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ муҳокима гардидааст. Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо оид ба истеҳсолот асоснок карда шуда, ба маълумоти таҳлилӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд, ки дараҷаи эътимоднокии онҳо бо коркарди оморӣ бо истифода аз барномаи компютерии Microsof Exsel собит шудааст. Хулоса ва пешниҳодҳо ба тадқиқоти илмӣ асос ёфта, натиҷаи онҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда таъйид шудаанд.

Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти афзалиятноки тадқиқоти илмӣ алоқамандии зич дошта, бо як

қатор барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла:

- "Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, 4 №793);

- Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020", №790 аз 30.12 .2015;

Инчунин тадқиқотҳо дар доираи лоиҳаи фармоишии корҳои илмӣ тадқиқотии шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарварии АИКТ дар мавзуи «Офаридани навъҳои ба шароити экологӣ устувори дарахтони мевадиҳанда, чормағзшаклон, ситрусиҳо, буттамеваҳо ва такмилдиҳии технологияи парвариши ниҳол ва бунёди боғҳои интенсивӣ" барои солҳои 2016-2020 (РКД 0116TJ00625) иҷро гардидааст.

**4. Навгонии илмии тадқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Муаллиф асосонок мекунад, ки дар асоси омӯзиши ҳамаҷониба, бо мақсади гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва ҷудо намудани навъҳои ояндадор барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудан коллексияҳои навъу намунаҳои хурмои шарқиро аз нав барқарор карда, дар натиҷаи омӯзиши маҷмӯи хусусиятҳои агробиологию хоҷагӣ, ба сармо тобоварӣ, сифати мева, нигоҳдорӣ, интиқол додан ва хушконидан дар минтақаҳои водигии Ҷумҳурӣ, алалхусус водиҳои Ҳисору Вахш дар баландиҳои аз сатҳи баҳр аз 350 то 1300 м, бори нахуст дар шароити Ҳисору Вахш омӯзиши 15 навъу намунаҳо гузаронида шуда, дар натиҷа аз байни онҳо 3- навъи дорои хусусиятҳои хоси хоҷагию- биологӣ дошта, аз он ҷумла 1 навъ барои истеҳсоли хушкмева интихоб карда, ба Комиссияи давлатии озмоишии навъҳои зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъи Вазорати кишоварзӣ супорида шуд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти тадқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд, меваҳои хушсифат, қобилияти

баланди нигоҳдорӣ, интиқолдиҳӣ ва ба хушконидан мувофиқ, дар оянда барои бунёди боғҳои хурмо пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳалли масъалаҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амнияти озуқаворӣ ва таъмини саноати хурокворӣ ба ашёи хом мусоидат мекунад. Инчунин навъҳои хурмои шарқииояндадор: Шарқӣ, Шоҳона, Вахш, ва Ваҳдат, ки дорои аломатҳои хоҷагию биологӣ доранд, барои корҳои селексионӣ истифода бурда мешаванд.

Аҳамияти иқтисодии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз навъҳои иқтидори баланди мутобиқшавӣ ва ҳосилнокӣ дошта, дараҷаи даромаднокии парвариши навъу намунаҳоро дар шароити водии Ҳисор аз 169,7 (навъи Шоҳона), то 222,6 % (навъи Шарқӣ) ва сатҳи фоидаро дар як гектар ба 39,6-50,1 ҳазор сомонӣ нишон додааст, ки ин нишондиҳандаҳо барои хурмои шарқӣ назаррас мебошад.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Муаллиф тадқиқотҳои саҳроию озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда ва муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши навъу намунаҳои хурмои шарқиро дар асоси дастури таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] амалӣ намудааст.

Дар давраи нашъунамои навъҳои нави хурмои шарқӣ мушоҳидаҳои фенологӣ бо таҳлили аломатҳои гузариши давраҳои сабзиши онҳо, нишондиҳандаҳои биометрии навъҳо, баҳодиҳии ҳосилнокӣ, ба сармо тобоварӣ навъҳои нави хурмои шарқӣ дар давраи пухта расидани ҳосил, вобаста ба дастурамал ва тавсияҳои методӣ истифода бурда шудаанд. Асоснокии натиҷаи тадқиқот аз рӯйи таҳлили дисперсионӣ Б.А. Доспехов [1985] санҷида шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаи тадқиқ шаҳодат медиҳад.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқ.** Муаллиф дар омода намудан ва интихоби дурусти мавзуи тадқиқотӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили адабиётҳои муаллифони ватаниву хориҷӣ оид ба мавзуи диссертатсияи тақризшаванда, гузаронидани таҷрибаҳои саҳроию озмоишӣ, иҷрои амалии чорабиниҳои агротехникӣ вобаста ба

усулҳои таҷрибаҳои саҳрой, интихоби тагпайванд, мушоҳидаҳои фенологию биометрӣ дар навъҳои нав, таҳлили тағйироти микдорию сифатӣ дар давраи нашъунамои онҳо, баҳодиҳӣ ба ҳосилнокии навъу намунаҳои ватании хурмои шаркӣ, баҳодиҳии натиҷаҳои тадкикот, муаррифӣ ва баррасии натиҷаҳои гирифташуда, чопи маколаҳои илмӣ, таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он мазмуни муҳтавои рисола саҳми назаррас дошта, аслияти матни диссертатсияро инъикос менамояд. Иштироки бевоситаи муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ ба 86,3 % баробар шудааст.

**8. Нашри натиҷаҳои тадкиқ дар мақалаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои тадкикот дар 13 маколаҳои илмӣ, аз он ҷумла 8 макола дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 макола дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ва 1 макола дар конференсияи байналмилалӣ ба чоп расидааст, ки мазмун, мундариҷа ва муҳтавои асосии тадкиқоти мазкурро дар бар мегирад.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Селексия ва навъомӯзии дарахтони мевадиҳанда омилҳои асосии рушди минбаъдаи соҳаи боғпарварӣ ба ҳисоб мераванд. Дар раванди ба даст овардани навъҳои нави ба вуҷуд овардаи олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ ва зиёд намудани онҳо дар истеҳсолот, омӯзиши хусусиятҳои агробиологии навъҳои ояндадор дар минтакаҳои парвариш ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо, баҳри баланд бардоштани самаранокии соҳа метавонанд, накши муҳимро бозанд. Вале, то кунун масъалаҳои асосии хусусиятҳои беҳтар намудани сифати меваи хурмои шаркӣ ба талаботи бозор ҷавобгӯй ва ба содирот нигаронидашуда пурра омӯхта нашудаанд. Аз ин ҷост, ки рисолаи илмии мазкур маҳз ба дарёфти роҳҳои ҳалли масъалҳои болозикр дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш бахшида шудааст.

Бинобар ин, ҳадафи асосии рисолаи мазкур ва мазмуну мухтавои он ба омӯзиши хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароитҳои водиҳои Ҳисору Вахш баҳри истифодабарӣ дар истеҳсолот ва селексия равона гардидааст.

Кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 161 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳо, замима ва рӯйхати адабиётҳои истифодагардида иборат аст. Дар диссертатсия 29 ҷадвал, 23 расм ва 10 диаграмма оварда шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 195 аз ҷумла 19 адабиёти хориҷи кишварро ба забони англисӣ дар бар мегирад. Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи тадқиқот асоснок шуда, оварда шудааст, ки рушди соҳаи мевапарварӣ дар радифи дигар бахшҳои соҳаи кишоварзӣ зери назорати доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба рушди соҳаи мазкур диққати махсус дода истодаанд. Ҳамзамон, дараҷаи омӯзиши мавзуъ арзёбӣ гардида, ҳадафу вазифаҳо, макону маводҳои тадқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарию амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** оид ба “Шарҳи адабиёт оид ба мавзуи тадқиқот” таҳлили адабиётҳои дохиливу хориҷӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия дар 7 зербоб оид ба пайдоиш ва минтақаҳои парвариш, хусусиятҳои биологӣ, аҳаммияти хоҷагӣ, селексия, ба сармо тобоварӣ ва таркиби химиявии хурмои шарқӣ маълумот дар ҳаҷми 35 саҳифа оварда шудааст.

Муаллифи диссертатсия ҳамаи масъалаҳои болозикрро дар бобҳои дигари рисолааш бо гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ хеле дақиқ омӯхта, илман асоснок шарҳ додааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия** оид ба шароит, маводҳо ва методикаҳои гузаронидани таҷрибаҳо, маълумот оид ба минтақаҳои тадқиқот, шароити хоку иқлими водиҳои Ҳисор ва Вахш, инчунин

маводҳои тадқиқот, навъҳои хурмои шарқӣ ва тагпайвандҳои онҳо, ки дар тадқиқот истифода бурда шудааст, дар се зербоб дар ҳаҷми 18 саҳифа дарҷ шудааст. Мавод ва методҳои тадқиқот дар зербоби Шароити иқлими хоки макони тадқиқот таҳлили таркиби агрохимиявии хоки қитъаи таҷрибавӣ дар Институти хокшиносӣ ва агрохимияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон гузаронида шуда, хоки қитъаи таҷрибавии водии Ҳисор - хоки хокистаранг аз хоки хокистарранги равшан чандон тафовут надорад, барои бунёди боғи дарахтони мевадиҳанда мувофиқанд. Дар таркиби онҳо тақрибан 2-3% гумус мавҷуд аст. Хоки қитъаи таҷрибавии водии Вахш - хоки хокистаранги равшан дар ҳамвориҳои доманакӯҳи ва нишебии адирҳои паст дар баландиҳои аз сатҳи бахр 300-500 м дучор шуда, гумуснокиаш 1-1,5 % мебошад. Миқдори карбонатҳо 20% -ро ташкил медиҳад. Дар ин боб ҳарорати шабонарузии ҳаво, меъёри боришоти минтақаҳо ба инобат гирифта шудааст.

Ба сифати маводҳои тадқиқотӣ ду намуди тагпайванд хурмои кавказӣ (Diospyros lotus), хурмои виргинӣ (Diospyros virginiana) ва навъҳои зерини хурмо Тоҷикӣ, Шарқӣ, Ҳисорӣ, Вахш, Шоҳона, Ваҳдат ва навъҳои назорати Зенджи мару ва Хиакуме истифода шудаанд. Ҷиҳати гузаронидани тадқиқотҳо усулҳои (методикаҳои) ба талабот ҷавобгӯ истифода бурда шудаанд.

**Дар боби сеюми диссертатсия** натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ дарҷ шудааст: интихоби тагпайванд ба рушд ва афзоиши навъҳои хурмои шарқӣ, яъне таъсири тагпайванд ба муғчаҳои пайвандшуда ба афзоиш ва ҳосилнокии онҳо, инчунин гузариши фазаҳои фенологӣ, нишондодҳои биометрӣ ва ба сармо тобоварии навъҳои хурмои шарқӣ, дар 7 зербоб дарҷ гардидааст.

Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки дар тагпайванди хурмои кавказӣ назар ба тагпайванди хурмои виргинӣ ҳосилнокӣ аз ҳар дарахт ба ҳисоби миёна дар се соли таҷриба дар дарахтони 3-5 сола 3,8 кг. ё 48% зиёд ба қайд гирифта шуд.

Дар зербоби "Гузариши марҳилаҳои фенологии навъҳои хурмои шарқӣ" аз оғози давраи нашъунамо сар карда то фарорасии давраи хазонрез ва оромии дарахтон дар водиҳои Ҳисору Вахш мушоҳидаҳо гузаронида, илман асоснок шарҳ додааст. Муаллиф муқаррар кардааст, ки давраи аз оромӣ баромадани дарахтони хурмои шарқӣ дар водии Вахш навъҳои Зенджи- мару- 06.03, Шоҳона -07.03. ва дар навъҳои Шарқӣ- 14.03. ва Хиакуме. - 15.03. дар водии Ҳисор навъҳои номбурда Зенҷи- мари -17.03., Шоҳона -18.03. ва Шарқӣ- 25.03., Хиакуме. - 25.03. ба қайд гирифта шуд. Пухтарасии меваҳо дар водии Вахш дар навъҳои барвақти Шоҳона.- 30.09 Зенджи- мару- 02.10.ва. дар навҳои дерпаз Шарқӣ 15.10. ва Хиакуме., 20.10. ва дар водии Ҳисор навъи Шарқӣ 26.10., ва Хиакуме 05.11. ба қайд гирифта шуд. Давраҳои нашунамои хурмои шарқӣ дар водии Вахш ба ҳисоби миёна 265рӯз ва дар водии Ҳисор 245-250 рӯзро ташкил медиҳад. Асосан гузаронидани мушоҳидаҳои фенологӣ, хусусан давраҳои гулкунӣ, давонокии он вобаста ба навъҳо ва минтақа, инчунин фарқ кардани гулҳои нарина ва модина барои гузаронидани корҳои селексионӣ лозим меояд.

Дар зербоби "Устуворияти дарахтон ба ҳарорати пасти ҳаво" муаллиф қайд менамояд. Дар солҳои тадқиқот муайян карда шуд, ки таъмини муътадили намнокии хок дар давраи афзоиш, устуворияти дарахтонро ба сармо зиёд мекунанд, хусусан соли 2016 дар 27-уми моҳи ноябр ҳарорати пасти шабона то-13-15°С расида буд. Аз натиҷаи мушоҳидаҳои ба даст омада, муаллиф маълум кардааст, ки дар ҳамаи навъҳо устуворияти баланд низ ба сармо навъҳои Шарқӣ-1,1; Вахш -1,2 ва Ваҳдат -1,3 дар навъҳои назоратӣ Хиакуме-2,5; Зенджи-мару -2,2 хол баҳогузорӣ гардид, ки ин аз устуворияти ба сармо баланди навъҳои дар омӯзиш қарор дошта шаҳодат медиҳад.

**Дар боби чоруми диссертатсия** таъсири омилҳои шароити хоку иқлим ба сифат, ҳосилнокӣ ва таркиби биокимиёвии мева оварда шудааст. Дар зербоби "Ҳосилнокӣ ва сифати меваи навъҳои хурмои шарқӣ дар

шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш” оварда шуда, таъсири омилҳоро ба ҳосилнокии дарахтони навъҳои хурмои шарқӣ нишон додааст.

Муаллиф муайян кардааст, ки дар водии Ҳисор маҳсулнокӣ назар ба минтақаҳои субтропикии хушк, яъне водии Вахш зиёд мебошад. Дар моҳҳои июн ва август боришот 2,2 мм нишон дода шудааст ва ҳарорати миёнаи баланди ҳаво, ки 28,3 - 30,8⁰С буда, назар ба минтақаи тадқиқотии водии Ҳисор, ки боришот дар моҳҳои нишондода шуда, 10,5мм ва ҳарорат 26,5 - 28,9 ⁰С мебошад. Аз ҳамин лиҳоз моҳҳои июн то август давраи ташакулёбии меваҳо мебошад, аз норасоии намӣ, ҳарорати баланд ва паст будани гумуснокии хок ҳосилнокӣ дар минтақаи водии Вахш назар ба минтақаи водии Ҳисор паст ба қайд гирифта шуд. Натиҷаҳои ба даст омада дар водии Вахш аз гектар ба ҳисоби миёна ҳосилнокии баланд дар навъҳои Вахш-10,28; Шарқӣ -9,19 ва Хиакуме - 8,8т/га дар водии Ҳисор бошад навъҳои Шарқӣ- 20,1; Ваҳдат- 19,2 ва Вахш-18,4 т/га, нисбатан кам дар водии Вахш навъҳои Тоҷикӣ - 7,5 ва Ҳисорӣ -7,4 т/га ва дар водии Ҳисор навъҳои номбурда 9,8 ва 10,2 тонна аз як гектар ҳосилнокиро ташкил доданд.

Барои муайян кардани сифати мева дар натиҷаи чошнигирӣ (дегустация), тариқи баҳогузорӣ навъҳои беҳтаринро муаллиф интихоб кардааст. Аз натиҷаи гузаронидани чошнигирӣ (дегустация) баҳои нисбатан баланд аз рӯи хол (0-5) ба навъҳои Шарқӣ 4,8; Ваҳдат 4,6 Шоҳона 4,6 хол баҳои паст ба навъҳои Тоҷикӣ-3,7; Ҳисорӣ- 3,5 хол ва ба навъҳои назоратӣ Хиакуме -3,8 ва Зенджи мару 3,9 хол гузошта шуд, ки ин бартарии навъҳои омухташудаи моро нишон медиҳад.

Дар зербоби “Сифати меваи хушки хурмои шарқӣ» Хушккунии меваҳо дар ду вариант гузаронида шуд; бо тарзи доирашакл бурида шуда ва бутун. Дар чошнигирӣ баҳои баланд дар ҳар ду вариант навъҳои Ваҳдат 4,0х5,0 хол, Шарқӣ 3,8-4,8 хол, нисбатан баҳои паст дар навъҳои Тоҷикӣ-2,8-3,5хол ва Ҳисорӣ- 2,8-3,6 хол гузошта шуд, ки нисбати навъҳои назоратӣ Хиакуме ва Зенджи –мару 1,0- 1,5 хол баланд мебошад.

Аз навъҳои зери омӯзиш қарор дошта навъи Ваҳдат барои истеҳсоли хушкмева интихоб шудааст.

Дар зербоби "Таркиби кимиёвии меваи хурмои шарқӣ" ташхиси навъу намунаҳои зери омӯзиш қарор доштаи хурмои шарқӣ нишон додааст, ки моддаҳои хушк дар навъҳои Ваҳдат 27%; Шоҳона -26 %; Шарқӣ- 25%; Вахш -25% ва нисбатан кам дар навъи Точикӣ-18,4, қанднокӣ дар навъҳои Ваҳдат- 22%; Вахш-21% ва Шарқӣ-20%, ва нисбатан кам дар навъи Тоҷикӣ 13,4%-ро ташкил медиҳад, ки нисбати навъҳои назоратӣ зиёд мебошад. Миқдори танин дар навъҳои таҳти омӯзиш қарор дошта аз 0,25 г/% навъи Ваҳдат то 0,39 г/% дар навъи Шарқӣ ва аз ҳама зиёд 0,60 г/% дар навъи Тоҷикӣ дида мешавад. Нишондодҳои мазкур дар навъҳои назоратӣ Хиакуме қанд 14,5%, танин 0,48 г/%, Зенджи мару қанд 18,5, танин 0,45 г/% муайян карда шудааст. Дар ҳақиқат навъҳои ояндадор, аз ҷиҳати хусусиятҳои мусбӣ бартарии зиёдро нисбати навъҳои назоратӣ доранд.

Дар зербоби "Устуворияти навъҳо ба касалиҳо ва зараррасонҳо" дараҷаи осеббинии хурмои шарқиро муаллиф аз касалиҳо ва зараррасонҳои ба ҳисоби миёна, аз касалиҳои занбурӯғӣ дар мева пӯсиши хокистарранг 0,8 хол, Фомопсис- 2,1 хол, аз ҳашаротҳои зараррасон камтар Зиреҳаки бунафш-0,8, зиёдтар Гулхӯрак-2,5 ва Кирми баргхӯрак-3,0 хол нишон додааст. Ҳашароти зараррасон (гурхӯрак) ва касалии пусиши мева diospyrios ва нуктаҳои сиёҳ, ки дар солҳои тадқиқот мушоҳида шуд, каму беш ба баргҳо, мева ва навдаҳои яксола осеб расониданд ва ба сифати мева осеби ҷиддӣ нарасидааст. Сари вақт гузаронидани корҳои профилактикӣ ва коркарди дарахтон бо заҳрдоруҳо имконияти аз байн бурдани зараррасонҳо ва касалиҳо гардидааст.

Дар зербоби "Самаранокии иқтисодии навъҳои дурнамои хурмои шарқӣ" оварда шудааст, ки хароҷоти нисбатан кам барои истеҳсоли меваи хурмои шарқӣ дар ду минтақаи аз ҷиҳати хоку иқлим гуногун,

водиҳои Вахш ва Ҳисор аз 16 то 22,5 ҳазор сомонӣ инчунин дараҷаи даромаднокии иқтисодӣ мутаносибан навъҳои омӯзиши дар минтақаи водии Ҳисор аз 169,7 (навъи Шоҳона), то 222,6 % (навъи Шарқӣ) нисбати навъҳои назоратӣ (Зенджи мару) 65,3 то 134,3 % навъи (Хиакуме) дар минтақаи водии Вахш бошад дар навъҳои номбурда мутаносибан аз 43 то 90,7% дар навъҳои назоратӣ аз 7,5 то 28,3% зиёд мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки самаранокии навъҳои омӯзиши Шарқӣ, Шоҳона, Вахш ва Ваҳдат дар ҳар ду минтақа ҳамчун навъҳои ояндадор аз навъҳои назоратӣ бартарӣ дорад.

**Дар боби панҷуми диссертатсия** оид ба "Баррасии натиҷаҳои тадқиқот" таҳлилҳои саҳеҳ доир ба натиҷаҳои корҳои илмии гузаронидашуда ҷамъоварӣ гардида, дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадор ва сифати баланд доштаи навъҳои хурмои шарқиро пешниҳод намудааст, ки баррасии натиҷаҳои тадқиқот ба ҳисоб меравад.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш» дар асоси талаботҳои "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия", ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Раҳматов Сулаймон Ҳасанович ба ихтисоси илмии 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мувофиқат мекунад.

Тадқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад ва ҳақиқатан кори илмии мукаммали ба анҷом расида буда, аҳаммияти калони илмию амалӣ дорад. Рисолаи илмӣ дорои ҷанбаҳои баланд ва

арзишноки назариявию амалӣ буда, моҳияти ҳосилнокӣ ва самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои хурмои шарқӣ интихоби тагпайванд ва шароити минтақаи парваришро инъикос менамояд.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар маҷмуъ доир ба натиҷаҳои ба дастовардаи илмии унвонҷӯ, ки дар диссертатсия пешниҳод гаштаанд, чунин эродҳои умумӣ қайд карда мешаванд:

1. Дар бахши «Барнома ва усулҳои тадқиқот» нокифоягӣ дар сохторбандӣ мушоҳида мешавад. Дар ин бахш усулшиносӣ, тавсифи шароити табии-иқлимӣ ва унсурҳои натиҷаҳо бо ҳам каме омехта шудаанд, хуб мешуд, ки қисми методикӣ аз натиҷаҳо равшан ҷудо карда мешуд.

2. Методикаи баҳисобгирии зиндамонии пайвандҳо кушода нашудааст. Муҳлатҳои баҳисобгирӣ, меъёрҳои муваффақ донистани зиндамонӣ ва мавҷуд ё набудани коркарди омории маълумоти ҷадвали 1 муайян карда нашудаанд.

3. Ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳо ҳаҷми нокифоя барои тадқиқот интихоб карда шудааст. Истифодаи 10 пайвандак барои ҳар вариант ҳадди ақал буда, эътимоднокии кофии омориро, махсусан барои хулосаҳои селексионӣ таъмин намекунад.

4. Дар кор номувофиқатии мантиқӣ дар баҳодиҳии устуворӣ мушоҳида мешаванд. Масалан, холҳои миёна (0,9 ва 2,8) бо изҳороти «навъҳои камосебдида» бо қиматҳои баландтар (1,1–1,3) мувофиқат намекунанд; зарурати дақиқ намудани пойгоҳи ҳисоб вуҷуд дорад.

5. Дар кор инчунин нодурустии истилоҳӣ дар баҳодиҳии дегустатсионӣ ба назар мерасанд. Ибораи «нисбатан баланд (0–5)» нодуруст аст; бояд «тибқи миқёси 5-баллӣ» истифода шавад.

6. Самаранокии иқтисодӣ аз ҷиҳати методӣ асоснок нашудааст. Сохтори хароҷот, нархи фурӯш, формулаи ҳисобкунии рентабелнокӣ ва ғайра.

7. Нисбати дигар қисмҳои диссертатсия ва автореферати он эрод надорем, лекин дар матни диссертатсия ва матни автореферат хатогиҳои грамматикӣ ба чашм мерасад, ки онҳо аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба мухтавои кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатиҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар тадқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегардад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори тадқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисору Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҳматов Сулаймон Ҳасанович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.-Селксия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи ботаника ва экологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоеви Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Мамадризохонов Акбар Алихонович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи ботаника ва экологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев , муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (Протоколи №5 аз 28 январи соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедраи ботаника иштирок доштанд: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: **тарафдор** – 15 нафар, **зид** нест, **бетараф** нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои биология, ,
мудири кафедраи ботаника ва экологияи
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М.Назаршоев Содатқадамова Т.М.

**Эксперт:**
доктори илмҳои биологӣ, профессори
кафедраи ботаника ва экологияи
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи
М.Назаршоев Мамадризохонов А.А.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои биология Давлатбек С.Х.

Имзои Т.М. Содатқадамова, А.А. Мамадризохонов
ва С.Х. Давлатбек-ро тасдиқ менамоям:

СРКК ва КМ ДДХ ба номи М. Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.

**Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Хорог, кӯчаи Ширинщоҳ Шоҳтемур,109.
Тел +992 91 948 75-91.
E-mail: akbar63@mail.ru

28 январи соли 2026